# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, шаҳри Душанбе, х. Ак. Раҷабовҳо, 3. тел: (992 37) 221-14-17, факс: (992 37) 221-64-10. Min_fin@tojikiston.com www.minfin.tj.

№ 153/40

аз «23» 02 соли 2021

Агентии назорати давлатии
молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба №4.2-51-1 аз 28.01.2021
Ба №4.1-221 аз 23.01.2021

Вазорати молия дар иртибот ба мактубҳои Шумо иттилоъ медиҳад, ки оид ба бартараф намудани сабабу шароитҳои ба қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда дар самти экспертизаи давалатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва гузаронидани суҳбату вохӯриҳо дар самти муқовимат ба коррупсия санаи 18 феврали соли 2021 соати 15 $^{00}$ дар бинои Дастгоҳи марказии Вазорати молия бо иштироки намояндагони Агентӣ ҷаласаи васеъ баргузор гардид.

Нусхаи протокол, аз натиҷаи ҷаласаи болозикр замима мегардад.

Бо эҳтиром,

Муовини вазир Р. Сафарзода

# ПРОТОКОЛИ №_1_

чаласаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия

Аз «18» _02_ соли 2021 ш. Душанбе

| | |
|---|---|
| **Санаи баргузори ҷаласа:** | 18 феврали соли 2021 |
| **Вақти баргузории ҷаласа:** | соати 15/00 |
| **Тартиби ҷаласа:** | ҷаласаи кушода |
| **Раисикунанда:** | Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Р.С. |
| **Иштирок доштанд:** | Сардори раёсати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳои Сарраёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарифӣ Дилшод Неъматзода, сарнозири раёсати мазкур Умарзода Пайрав Орифҷон, кормандони дастгоҳи марказии Вазорат, роҳбарон ва кормандони Хазинаи сарватҳои давлатӣ, Нозироти давлатии иёргирӣ, Агентии рушди бозори қоғазҳои қиматнок, Редаксияи маҷаллаи “Молия ва ҳисобдорӣ”, Матбааи Вазорати молия, Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаи “Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот” ва КВД “Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ” |

**Рузномаи ҷаласа:**

1. Баррасии пешниҳоди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, №4.2-51-1 оид ба бартараф намудани сабабу шароитҳои ба конунвайронкуниҳо мусоидаткунанда дар самти экспертизаи давалатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.
2. Гузаронидани суҳбату вохӯриҳо дар самти муқовимат ба каррупсия дар робита бо дархости Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2021, №4.1-221.

3. Нуктаҳои муҳими Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»

Ҷаласаро Муовини вазири молия Р. Сафарзода оғоз намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа ва намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия шинос намуд.

Сипас Муовини вазир Р. Сафарзода аз нуқтаҳои Стратегияи қаблӣ оид ба муқовимат ба коррупсия мухтасар чунин иброз намуд, ки муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад. Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқиёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давалат эътироф гаштааст.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки бо мақсади ташкил ва амалӣ намудани чораҳои маҷмӯии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупси дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва ҷалби васеи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза ба коррупсия як қатор санадҳои дахлдор қабул гардидааст.

Сипас сухани навбатӣ ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда дар самти экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зарифӣ Дилшод Неъматзода дода шуд.

Зарифӣ Д.Н. иброз намуд, ки лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабл аз пешниҳод гардидан ба вазорату идораҳо барои мувофиқа бояд арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсиониро гузаранд. Арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ин фаъолияти мақомоти давлатии таҳиякунандаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот) оид ба ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мебошад. Агентӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санади

меъёрии ҳуқуқиро мавриди баррасӣ карор дода, бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмӯъ низоми пешгирии коррупсия дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Инчунин, Зарифӣ Д.Н. ҷиҳати бартараф намудани омилҳои ба содиршавии коррупсия мусоидаткунанда дар рафти таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Ҳамчунин, иброз намуд, ки муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи заминаҳо дар кишвари мо фароҳам оварда шуда, иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб таъмин гардидааст.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 январи соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Айни замон Агентӣ, мубориза бо коррупсияро дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, бонкҳо, корхонаю муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, яъне аз тобеият ва шакли моликияташон амалӣ менамояд.

Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмуии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 тасдиқ гардида буд.

Стратегияи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо назардошти хулосаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар кишвар ҳалли худро ёфтанд.

Сипас сарнозири раёсати мазкури Агентӣ Умарзода Пайрав Орифҷон зимни вохӯрӣ нахуст вобаста ба нуктаҳои муҳими Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 26 январи соли 2021 ибрози андеша намуд.

Дар оғози Паём Пешвои миллат аз таъсири ногувори бемории сироятии коронавирус ба рушди босуботи кишварҳои сайёра, аз ҷумла Тоҷикистон, ишора намуданд. Дар воқеъ, бемории мазкур ба раванди босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши бесобиқаи бекорӣ оварда расонд. Хушбахтона, бо ҳидоятҳои Сарвари давлат ва амалӣ гардидани сиёсати оқилонаву бобарор дар кишвари азизамон сарфи назар аз таъсири ногувори пандемияи коронавирус ба татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат заминаи мусоид гузошта шуда, баҳри расидан ба нишондиҳандаҳои назаррас дар ҳама ҷабҳаҳо кӯшишҳои судманд равона шуданд.

Дар замоне, ки тамоми кишварҳо ба мушкилоти молиявию иқтисодӣ мувоҷеҳ гардиданд, маҳз амалӣ шудани нақшаву ниятҳои созанда ва ҷаҳду талоши халқи хештаншиноси тоҷик буд, ки соли сипаришуда иқтисодиёти кишвар, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ афзоиш ёфт.

Бо мақсади расидан ба татбиқи бонизоми ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат таъсиси корхонаву коргоҳи нави саноатӣ, бунёди ҷойи корӣ дар саросари кишвар мебошад. Ҳамзамон, иншоотҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ба истиқболи ҷашни 30 - солагии “Истиқлолияти давлатӣ" бунёд ва ба истифода дода шуданд.

Албатта, сокинони шарафманди Тоҷикистон бо илҳом аз сиёсати бунёдкоронаву дурнигаронаи роҳбарияти олии давлату Ҳукумат баҳри расидан ба татбиқи бонизоми ҳадафи олии кишвар, яъне таъмини зиндагии шоиста ба ҳар фарди мамлакат ҷаҳду талош намуда, барои истиқболи ҷашни фархундаву хуҷастаи умумимиллиамон саҳмгузорӣ мебошанд.

Инчунин, бо шукргузорӣ аз сиёсати бобарору умедбахш ва нақшаву барномаҳои мукаммалу мушаххас, ки мардумро ба сӯи музаффарияту фардои ободи Ватан раҳнамоӣ менамоянд, мо дар атрофи сиёсати оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳидтар гардида, тамоми донишу малака ва таҷрибаи хешро баҳри шукуфоии кишвари биҳиштосоямон равона хоҳем кард.

Ҳамчунин, Умарзода Пайрав Орифҷон қайд намуд, ки Паёми навбатӣ ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шинохта шуда, ифодакунандаи рушду таҳкими соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат арзёбӣ мегардад. Воқеан, Паём муҳимтарин барномаи дорои хусусияти созанда ва сафарбаркунанда буда, оғози ҳама гуна фаъолияти бунёдкорӣ дар он ифода меёбад.

Дар фарҷоми ҷаласа, оид ба масъалаҳои мазкур, андешидани чораҳои заруриро ба мақсад мувофиқ шуморида, ҷаласаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия,

ҚАРОР КАРД:

1. Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои дастгоҳи марказии Вазорати молия ва мақомоти зертобеи он, вазифадор карда шаванд, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ"-ро ба таври ҳатмӣ ба инобат гиранд.
2. Аз натиҷаи ҷаласаи гузаронидашуда, ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти дахлдор пешниҳод карда шавад.

Раисикунанда
Муовини вазири молия — Р. Сафарзода

Котиб: — А. Махрамов